Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-63-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нағмиддинов Фирдавс Нуриддинович ба диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқат мекунад: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ. 3. Қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир. 4. Пешгӯии тағйироти сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилию ҳуқуқӣ; миқёси фаъолият; намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.). 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ. 9. Ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак. 12. Методология ва назарияи таъмини рақобатнокии сохторҳои соҳибкорӣ. 17. Принсипҳои назариявӣ, методологӣ ва методии ташаккул ва рушди фарҳанги соҳибкорӣ, меъёрҳои ахлоқии соҳибкорӣ. 21. Соҳибкории инноватсионӣ ва рушди он дар соҳаҳои иқтисод. 22. Таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ; самтҳои асосии ташаккули низоми идоракунии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ.

Мубрамӣ будани мавзуи диссертатсия. Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодиёти бозоргонӣ татбиқи ҳадафҳои стратегие, ки бо мақсади рушди устувори иқтисодӣ амалӣ гардиданд, заминаи боэътимоди меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ-иқтисодиро

барои тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам оварданд. Ин тадбирҳо ба густариши бемайлони шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии соҳибкорӣ дар бахшҳои муҳими иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, нақши бахши хусусиро ҳамчун омили асосии пешбурди муносибатҳои бозорӣ таҳким бахшиданд. Ҳамзамон, саҳми ин бахш дар ҳалли масъалаҳои стратегӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.

Ташаккул ёфтани иқтисоди саноатӣ-аграрӣ, рушди босуръати саноат ва махсусан бахшҳои саноатӣ, ки ба истифодаи захираҳои табиӣ-гидроэнергетикӣ, маъданӣ ва ашёи хом дар раванди истеҳсолот равона мешаванд, имконият медиҳанд, ки захираҳои меҳнатии босуръат рушдёбанда ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб гарданд.

Муваффақиятҳои назаррас дар солҳои охир, ҷиҳати таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ва табдил ба кишвари транзитӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, тавсеаи шуғли пурмаҳсул барои амалӣ намудани саноатикунонии босуръати кишвар дар Тоҷикистон заминаи зарурӣ гузоштаанд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда, ки дар он оид ба рушди назария ва коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон муаяйн карда шудааст, кофӣ ва асоснок буда, миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

- дар диссертатсия асосҳои илмию назариявии моҳияти соҳибкории истеҳсолӣ ошкор карда шуда, таснифоти намудҳо ва шаклҳои соҳибкории муосир пешниҳод, нақши соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди муносибатҳои бозорӣ ва амалигардонии мақсадҳои миллии рушди кишвар асоснок карда шудааст;

- дар кори диссертатсионӣ муқаррароти алоҳидаи назарияи иқтисодии соҳибкорӣ дар заминаи ошкоркунии рафтори девиантӣ таҳия шудаанд. Нишон дода шудааст, ки тавсеаи амалияи банақшагирии индикативӣ дар иқтисоди миллӣ, дар баробари болоравии нишондиҳандаҳои стратегӣ, барои рушди бесобиқаи соҳибкории истеҳсолӣ заминаи мусоид фароҳам месозад;

- методикаи коркард ва таҳияи низоми афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллӣ, дар асоси гурӯҳбандии

бисёрсатҳии нишондиҳандаҳое, ки рушди сифатӣ ва миқдории фаъолияти соҳибкориро тавсиф мекунанд, асоснок карда шудааст. Равиши мазкур имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки рушди он ҳамчун "қутбҳои институтсионалии рушд"-и иқтисодиёти миллӣ ошкор карда шаванд;

- муайян карда шудааст, ки манфиатҳои соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар метавонанд ба рушди технологияҳое нигаронида шаванд, баланд бардоштани сатҳи коркарди ашёи хом ва бунёди низоми истеҳсолоти пурраи содиротӣ дар асоси кластерҳои истеҳсолӣ амалӣ карда шаванд;

- дар рисола бо такя ба методологияи таснифи соҳаҳои саноат вобаста ба сатҳи рушди технология таҳлил гузаронида шуда, вижагиҳои соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ дар шароити кунунӣ аз нуқтаи назари илми иқтисодӣ асоснок карда шуданд;

- дар заминаи муайянкунии афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобаста ба амалисозии ҳадафҳои миллӣ равандҳои саноатикунонии босуръат асоснок карда шудааст ва инчунин масъалаҳои такмилдиҳии ҳуҷҷатҳои барномавии рушди саноати кишвар, дар заминаи баланд бардоштани нақши соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳод карда шуданд. Нишон дода шудааст, ки чорабиниҳо ва самтҳои амали барномаҳои гуногуни рушди саноат бояд ба ҳавасмандгардонии соҳибкорон нигаронида шаванд.

Мазмуни автореферат ва мақолаҳои банашрраасонидаи муаллиф ба мазмуни диссертатсия комилан мувофиқат мекунад.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ аз нуқтаҳои назари олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон истифода карда, маълумоти марказҳои илмию таҳқиқотӣ, маводҳои конференсияҳои илмӣ–амалиро доир ба мавзуи таҳқиқшаванда ҳамчун заминаи назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар асоси истифодаи принсипҳои системавӣ, методҳои умумииқтисодӣ ба монанди: муқоисакунӣ, синтез, таҳлили омории иқтисодӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия ва ғайраҳо хулосаҳо дар намуди назария пешниҳод шуда, дар асоси он афзалиятҳои соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Инчунин, истифодаи принсипу методологияи дар боло зикршуда, ба муаллиф

имконият додаанд, ки тавсияҳои амалии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолиро дар кишвар пешниҳод намояд.

Хулоса ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз мукаддима, панҷ боб, 14 зербоб, хулосаву пешниҳод ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 351 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, бо 36 ҷадвал, 8 расм ва 9 диаграмма анҷом ёфтааст.

Дар боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявӣ-методологии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми бозории хоҷагидорӣ», соҳибкорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми муносибатҳои бозорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки масоили рушди соҳибкорӣ ҳам дар мамолики дорои иқтисоди тараққикардаи бозорӣ ва ҳам дар кишварҳои дорои иқтисоди рӯ ба тараққӣ дар маркази диққати илми иқтисодӣ қарор доранд. Дар таҷриба ва мушаххасоти илмӣ-иқтисодӣ соҳибкорӣ фаъолияти мақсаднок ва мушаххасест, ки дар он озодии пешбурди ҷараёнҳои иқтисодӣ, мустақилият ва фаъолияти ошкоронаи масъулиятпазирӣ дар самти тиҷорати мушаххас ва азнавсозии шохаҳои гуногуни иқтисодӣ тавассути барномаю стратегияҳои мушаххаси илмӣ-амалӣ, тавсияҳо пешниҳод карда шудааст (С.25 то 30).

Муаллиф чунин қайд кардааст, ки соҳибкорӣ - фаъолияти инноватсиониест, ки ба эҷоди маҳсулоти нав ва ё замонавикунонии сифатҳои маҳсулоти (хизматрасониҳои) мавҷуда тавассути омезиши омилҳои истеҳсолот ва амалисозии ғояҳои нав барои ба ҳадди ниҳоӣ боло бурдани фоидаи бадастоянда ва таъмини рақобатпазирии корхона нигаронида шудааст (С. 30-35).

Ба ақидаи муаллиф, мафҳуми «намуд» нисбат ба фаъолияти соҳибкорӣ мазмуни дохилии онро ифода мекунад, ки вай аз омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ҷуғрофӣ ва дигар омилҳо вобаста намебошад. Аз ин лиҳоз, намудҳои зерини фаъолияти соҳибкориро ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Соҳибкории истеҳсолӣ;
2. Соҳибкории тиҷоратӣ;
3. Соҳибкории молиявӣ;
4. Соҳибкории миёнаравӣ;
5. Соҳибкории хизматрасонӣ.

Намудҳои номбурдаи соҳибкорӣ аз рӯйи объект, шаклу тарзи ташкил ва пешбурди фаъолият барои ноил шудан ба мақсади ниҳоӣ аз ҳамдигар ба таври куллӣ фарқ мекунанд ва аз ин рӯ барои машғул шудан

ба ин ё он намудҳои зикршудаи фаъолияти соҳибкорӣ қобилияти ҳархелаи соҳибкорӣ талаб карда мешавад. (С. 48)

Дар диссертасия равишҳои назариявӣ-методологӣ оид ба омӯзиши рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои мутобиқсозии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, таъкид мешавад, ки ҳукумати кишвар ду стратегияи миллии рушди дарозмуҳлат ва барномаҳои соҳавию минтақавиро бо маром татбиқ намуд.

Айни замон Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 мавриди татбиқ қарор дода шудааст. (С. 67 - 90).

Дар боби дуюми таҳқиқот «Субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун «қутбҳои институтсионалии рушд»-и иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», асосҳои назариявии паст кардани сатҳи рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ ва методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ коркард ва асоснок гардидааст .

Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар ин самтҳо низ то андозае барои ҷорӣ намудани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба тавзеҳ додани нуқтаҳои мақсадноки барномаҳои қабулкардаи ҳукумат алоқаманд мебошад ва тамоми паҳлуҳои зарурии рушди ин самти муҳимро таҷассум менамоянд.

Муаллиф дуруст қайд менмояд, ки раванди коҳиши муназзами рафтори девиантии соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади афзоиши босуръати рушду тараққиёти саноат ҳамчунин, бо мақсади ҳалли вазифаҳои стратегии рушди кишвар метавон ба чунин гурӯҳҳо чудо кард:

1. Афзоиши саноати маъдан ва истифода аз имконияту иқтидорҳои табиии Тоҷикистон бо баназаргирии нерӯи офтобӣ ва бодӣ ҳамзамон, истифодаи ин нерӯ дар соҳаи саноат муҳим ва зарурӣ мебошад.

2. Иртиқо додани саноати коркард дар заминаи меҳварияти рушди имкониятҳои меҳварӣ ва дигар равишҳои марбут ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои ҳамрадифӣ бо истифода аз технологияҳои муосир.

3. Рушди соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда, ки дастгирии иттилоотию коммуникатсионӣ ва маркетингиро таъмин менамояд (С. 108).

Қайд карда мешавад, ки масъалаи муҳим, ки ҳалли он бояд ба паст кардани рафтори девиантии фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шавад,

ин татбиқи сиёсати самараноки идоракунии давлатии андозбандӣ мебошад. Самтҳои паст кардани рафтори девиантии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ бояд низоми тайёр кардани кадрҳои муосири болаёқат, барои институтҳои соҳибкорӣ бошад (С. 109).

Ҳамзамон, дарҷ гардидааст, ки имрӯзҳо дар сатҳи дахлдор зарурати қабули қарорҳои лозима ба миён омадааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияҳои иқтисодию тиҷоратии кишвар мактабҳои олии бизнес ва барномаҳои бизнес маъмуриятчигӣ (MBA – Master of Business Administration) ташкил карда шаванд, ки дар доираи онҳо на танҳо барномаҳои таълимии кӯтоҳмуддати сертификатсияшуда пешниҳод карда мешаванд, балки низоми омодасозии кадрҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ низ таъсис дода мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаклҳои босифату беҳтарини омӯзиши менеҷерони олиро нисбат ба барномаҳои бизнесмаъмуриятчигӣ масалан, намедонад. Маҳз, бо ҳамин роҳ ҳамаи мактабҳои машҳури бизнес ва бизнес-маъмуриятчигӣ дар Иёлоти муттаҳидаи Амрико, Аврупо, Русия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо таъсис дода шуданд. Маҳз, бо ин роҳ муҳити рақобат дар соҳаи барномаҳои таълимии пешниҳодкардаи муассисаҳои таҳсилоти олии равияҳои иқтисодӣ ташаккул ёфт (С.110).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар иқтисоди миллӣ яке аз роҳҳои рушд ва расидан ба як мавқеи устувори аз рақобатҳои осебпазирӣ дур - ин методологияи афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳамзамон, имтиёздиҳӣ ба самтҳои афзалиятнок мебошад, ки ҳамаи ин бевосита рақобатҳои рушдро дар сатҳи давлат ба таври дарозмуддат таъмин карда метавонанд. Интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ як омили институтсионалиест, ки дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши калидӣ дорад. Зеро, муҳити фаъолияти соҳибкорӣ васеъ буда, амал кардан бо равишҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва ё самтҳои афзалиятнок ниҳоят манфиатовар мебошад. (С. 115).

Баҳри арзёбии методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ, муаллиф қайд менамояд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муосир вазифаи мураккабест, ки ба назар гирифтани омилҳои зиёдро тақозо мекунад.

Боби сеюми диссертатсия — «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди афзалиятноки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат», ба таҳлили рушди соҳибкорӣ дар соҳаи саноати кишвар бахшида шуда, афзалиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ карор дода шудааст.

Қайд гардидааст, ки ба масъалаҳои рушди саноат ва соҳибкорӣ дар кишвар ҳама вақт дар стратегияҳо ва барномаҳои қабулшудаи давлатии рушд диққати махсус зоҳир гардида, тибқи сенарияҳо ва меъёрҳои пешбинигардида ба фаъолияти соҳаҳои муҳими иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, назорат намудан ва амал кардан дар асоси сенарияҳои пешбинигардида имкон медиҳад, ки рушди соҳаҳои пешбинигардида мувофиқи меъёр таъмин гардад (С. 145).

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки идома додани ислоҳот, ки ҳам ба фароҳам овардани муҳити муассири тиҷоратӣ барои соҳибкории истеҳсолӣ дар умум ва ҳам ба такмил додани равиши мақсаднок нисбат ба корхонаҳои мавҷуда нигаронида шудаанд, зарур аст. (С 177).

Муаллиф дар диссертатсия афзалиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи сиёсати ҳамгироии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунандаро мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави бозорӣ, рушди мукаммали иқтисодиётро бидуни мавҷудияти қуввахои истеҳсолӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад (С. 185).

Муаллиф дар асоси таҳлили рушди робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса мебарорад, ки афзоиши квотаи савдои хориҷӣ дар иқтисоди хурди кушода, ҳамчун қадами аввалин ва ибтидоии ҳамгироӣ бо бозори ҷаҳонӣ зарур меояд. (С.189).

Дар боби чоруми диссертатсия — «Вазъи кунунӣ ва мушкилоти рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - махсусиятҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ арзёбӣ гардида, дигаргунсозиҳои бозории муносибатҳои аграрӣ ҳамчун омили рушди соҳибкорӣ дар КАС-и Тоҷикистон муайян шудааст.

Дар диссертатсия бахши соҳибкории аграрӣ дар низоми иқтисодӣ мақоми махсусеро ишғол менамояд. Бинобар ин, дар ҳама гуна низоми иқтисодӣ таъмини фаъолияти самараноки бахши кишоварзӣ яке аз афзалиятҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад (С. 205).

Муаллифи хулосабарорӣ намудааст, ки дар соҳаи кишоварзӣ замин воситаи асосии истеҳсолот ба ҳисоб рафта, ин нуқта ба рушди соҳибкории кишоварзӣ таъсири вижае мегузорад. Пеш аз ҳама, ин падида сабабгори вобастагии рушди соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ аз ҳалли масоили ташаккули бозори замин мебошад (С. 206 -229).

Дар боби панҷуми диссертатсия - «Афзалиятҳои стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - кластеризатсия

ҳамчун модели ташкилии рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди миллӣ, рақамикунонии истеҳсолот ҳамчун омили таъмини бартарии рақобатии соҳибкории истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ ба иқтисоди "сабз" ҳамчун афзалияти стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Дар ин боби мазкур, қайд карда шудааст, ки рушди соҳибкории истеҳсолӣ аз нуқтаи назари равиши кластерӣ стратегияест, ки ба эҷод ва таҳкими робитаҳои байни корхонаҳо дар минтақаи муайяни ҷуғрофӣ равона шудааст.

Аз ҷониби муаллиф дуруст қайд карда шудааст, ки равиши кластерӣ ба консепсияи кластерҳо асос ёфтааст, ки рушди ширкатҳои ба ҳам алоқамандро дар асоси ҷанбаҳои асосии зерин ифода мекунанд. Пеш аз ҳама, ин синергия ва ҳамкории байни соҳибкорон мебошад, ки метавонанд захираҳо, технологияҳо ва донишро дар доираи кластер мубодила кунанд, ки ин ба баландшавии самаранокӣ ва кам шудани хароҷот оварда мерасонад. Ҳамкорӣ бошад, метавонад дар таҳияи муштараки маҳсулот ва технологияҳои нав зоҳир шавад (С. 252).

Истифода аз механизми каластерӣ ва диверсификатсиякунонии фаъолияти соҳибкорӣ як қатор имконияту имтиёзҳои навро таъмин намуда, инчунин, аз амалигардонии ин усул имкониятҳои нави инновасионӣ ба даст оварда мешавад. Чунин тамоюл метавонад натиҷаҳои дилхоҳро дар масъалаи даромадафзоӣ таъмин намояд.

Муаллифи рисолаи илмӣ ба маврид қайд менмояд, ки бо васеъ шудани доираи муносибатҳои иқтисодӣ ва суръати доимии рушди иқтисодиёт, бо ёрии рақамикунонӣ таъмини рушди устувори иқтисодиёт ба қатори он масъалаҳое дохил мешаванд, ки истифодаи он бояд ба таври доимӣ амалӣ карда шавад. Зеро, рақамикунонӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ ва махсусан, дар навсозии истеҳсолот нақши калидӣ дошта, он бевосита ба пешрафти доимӣ дар такрористеҳсол метавонад мусоидат намояд. Таъмин намудани рушди мунтазам тавассути рақамикунонӣ, махсусан, дар соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ метавонад як механизми асосӣ ва ҳамқадам шудан бо тағйироти ҷаҳонӣ бошад. (С. 268-269).

Дар хулосаи рисолаи илмӣ муқаррароти асосии таҳқиқот оварда шуда, тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсия асоснок гардидаанд.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Истифодабарии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ барои тавсеаи

самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани иқлими мусоид дар иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Истифодаи амалии пешниҳодот оид ба такмили усулҳои дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди бахши воқеии иқтисодиёти мамлакат заминаи устувор хоҳад гузошт.

Муқаррароти илмии кори диссертатсиониро дар ҷараёни таълими фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти соҳибкорӣ», «Микроиқтисод», «Иқтисоди минтақавӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос истифода бурдан мувофиқи мақсад аст.

Сохтори кори диссертатсионӣ гузориши мақсад ва алоқамандии онро тасдиқ мекунад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи имлӣ. Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои илмию амалии кори диссертатсионӣ, муаллиф дар маҷмӯъ 41 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 23 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки ҷавобгӯй ба талаботи муқарраргардида мебошад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳияи диссертатсия дар мувофиқа бо талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсия, автореферат ва дигар маводҳои илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикстон аз 27 декабри соли 2024, №493) сурат гирифтааст. Муқаддима ва бахшҳои кори илмӣ, сатҳи таҳқиқоти илмӣ, робитаи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, манбаҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои муҳим ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, тобеи талаботи мазкур мебошанд.Диссертатсия ва автореферати он мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ба худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, баён гардидаанд.

Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Эродхо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.Таҳлили чукури матни асосии диссертатсия нишон медиҳад,

ки дар баробари дастовардҳои намоёни илмӣ дар ин ҳуҷҷати басо муҳим баъзе норасогиҳо ва камбудиҳо низ ба чашм мерасанд. Ба ақидаи мо диссертант ба чунин камбудиҳо роҳ додааст:

1. Сифати кор боз ҳам баландтар мешуд, агар муаллиф дар нақшаи кори диссертатсионӣ ба таври назаррас таҳқиқи амиқи ҳар як боб ва зербоб, дақиқ кардани вазифаҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои интизориро дар шакли дигар нишон медод.

2. Дар рисолаи диссертатсионӣ масъалаҳои назариявии проблемаи мавриди таҳлил ва асосҳои консептуалии ташаккули соҳибкории истеҳсолӣ ба таври ҳамаҷониба ва амиқ таҳлил гардидаанд. Сифати рисолаи илмӣ беҳтар мегардид агар дар ин самт баъзе таҳлилҳо васеътар ва далелҳои мустаҳкам манзур мегардид.

3. Дар рисолаи диссертатсионӣ манбаъҳои баъзе расмҳо ва ҷадвалҳо мушкилфаҳм мебошад, ки ин боиси баҳси илмӣ оид ба эътимоднокии маълумотҳо мегардад.

4. Баъзе маъхазҳо дар рӯйхати адабиётҳои овардашуда ба талаботи илмӣ мувофиқ мегардид, сатҳи эътимоднокии сарчашмаҳо бозҳам баланд мешуд.

5. Инчунин, дар кори диссертатсионӣ баъзе хатогиҳои грамматикӣ ба назар мерасанд, ки метавонанд ба сатҳи илмӣ ва қобилияти фаҳмиши матн каме таъсири манфӣ расонанд.

Албатта, камбудиҳо ва норасоиҳои номбаршуда аҳамияту қимати илмию амалии таҳқиқотро паст намекунад. Сохтори диссертатсияи пешниҳодгардида аз нуқтаи назари мантиқӣ дуруст буда, он дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад.

Хулоса. Бо вуҷуди камбудиҳои зикршуда, арзиши илмӣ ва аҳамияти умумии таҳқиқоти анҷомдодашуда коҳиш намеёбад. Таҳқиқот дорои муҳтавои муҳим ва асоснок буда, метавонад барои рушди минбаъдаи соҳа заминаи устувор фароҳам орад. Ислоҳи камбудиҳо танҳо ба такмили бештари кор ва баланд бардоштани сатҳи илмии он мусоидат хоҳад кард.

Умуман, рисолаи доктории Субҳонзода Икром Субҳон тадқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ҳалли масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди соҳибкории истеҳсолиро дар бар мегирад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи такризшаванда дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои 31 ва 33–и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин, қобили қабул мешуморем, ки ба муаллифи кори диссертатсионии мазкур Субҳонзода Икром Субҳон дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дода шавад.

Мукарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи
назарияи иқтисодӣ ва идоракунӣ Наҷмиддинов Ф. Н.
30.10.26

Имзои Ф. Наҷмиддиновро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо Қурбонов М. Л.